# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 02.07.2025, №64**

Барои сазовор донистани Солиев Нодирҷон Амрохонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Солиев Нодирҷон Амрохонович дар мавзуи «Нақши андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 25 апрели соли 2025, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №81 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, тахти №402/шд таъсис дода шудааст.

Солиев Нодирҷон Амрохонович 17-уми августи соли 1983 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз соли 2017 то соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯй дар кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳсил карда, онро аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз хатм кардааст.

Солиев Нодирҷон Амрохонович соли 2003 ба собиқ Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) дохил шуда, донишкадаи номбурдаро соли 2008 аз рӯйи ихтисоси андоз ва андозбандӣ хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсияи Солиев Нодирҷон Амрохонович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) аз 29-юми июни соли 2017, суратҷаласаи №11/8.4 тасдиқ шуда ва мувофиқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 28 сентябри соли 2018 суратҷаласаи №2/4.17 иваз гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Бегматов Ашурбой Ахманович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад (айни ҳол бо сабаби беморӣ кор намекунанд).

**Муқарризони расмӣ:**

-**Улуғхоҷаева Хосият Рауфовна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Салимова Муҳайё Музафаровна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** дар тақризи худ, ки аз ҷониби доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси молия, и.в. дотсенти кафедраи андоз ва андозбандӣ Ҳамидова С.Ҳ. таҳия гардида, дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи андоз ва андозбандӣ баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №10/1, аз 09.06.2025) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Х.Х. санаи 10.06.2025 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз чунин хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Солиев Нодирҷон Амрохонович дар мавзуи «Нақши андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳамияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо "Низомномаи шурои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Солиев Нодирҷон Амрохонович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 12 интишороти илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## РӮЙХАТИ КОРҲОИ ЧОПШУДА ОИД БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Дар маҷаллаҳои тақризшаванда

[1-М] Солиев Н.А. Таҷрибаи байналхалқии татбиқи андоз аз арзиши иловашуда / Н.А.Солиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. -№ 8. – С.143-152. ISSN 2413-5151.

[2-М] Солиев Н.А. Таҷрибаи хориҷии андозбандии ғайримустақим / Н.А.Солиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. -№ 8. – С.209-216. ISSN 2413-5151.

[3-М] Солиев Н.А. Менеҷменти андоз ва такмили он дар шароити муосир / Н.А.Солиев // Паём. Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз.- 2021.- №4(76). – С.190-203. ISSN 2075-9584

[4-М] Солиев Н.А. Нақши андозҳои ғайримустақим дар ташаккулёбии даромади буҷети давлатӣ. /А.А.Бегматов, Н.А.Солиев // Паёми молия ва иқтисод.-2020.-№4(24). – С 34-42. ISSN 2663-0389

[5-М] Бегматов, А. А. Влияние налогов на экономический рост: вопросы

теории и практики / А. А. Бегматов, Н. А. Солиев // Финансово-экономический вестник. – 2019. – № 4(20). – С. 26-33. ISSN 2663-0389.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[6-М] Солиев Н.А. Моҳияти механизми иқтисодии андозбандии аксизӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Афзалиятҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалию инноватсионӣ» бахшида ба "Солҳои рушди саноат" (2022 - 2026) (ш. Душанбе, 1-уми апрели соли 2024, саҳ. 614-620).

[7-М] Солиев Н.А., Проблемы и возможности оптимизации косвенного налогообложения в современных условиях. Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Афзалиятҳои рушди бахши молиявӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ», бахшида ба бахшида ба рӯзи кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 7-уми декабри соли 2023), саҳ. 178-183.

[8-М] Солиев Н.А., Прогнозирование налогов в системе факторов обеспечения бюджетных доходов. Маҷмӯи маводҳои конференсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушди менеҷменти иноватсионӣ ва нақши он дар татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар» Бахшида ба 30 солагии Иҷлосияи 16 – уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе, 2022 ДДМИТ саҳ.221-226.

[9-М] Солиев Н.А., Хусусиятҳои андозбандии ғайримустақим. Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқӣ» (ш. Душанбе, 26-уми ноябри соли 2021), саҳ. 284-287.

[10-М] Солиев Н.А., Усулҳои баҳодиҳии иқтидори андозии минтақаҳо. Маҷмӯаи мақолаҳои конференисияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба рӯзи кормандони мақомоти молия дар мавзуи «Низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлоли давлатӣ: ҳолат ва дурнамои рушди он» (ш. Душанбе, ДДМИТ, 11 декабри соли 2021). саҳ.260-265

[11-М] Солиев Н.А. Таҳлил ва татбиқи таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон дар низоми андози миллӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои конференисияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ бахшида ба 30 солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019-2021)(12-17 апрели соли 2021), саҳ. 166-168.

[12-М] Солиев Н.А., Сущность, формы и принципы налогообложения. Маҷмуаи мақолаҳои конференисияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (2020-2040) (13-18 апрели соли 2020) Душанбе, 2020. Саҳ. 90-93.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Мирсаидов Аврор Бобоевич - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ҷонишини директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо чунин эродҳо:**

1. Сифати кор беҳтар мегардид агар муаллиф дар баробари таъсири ҷанбаҳои мусбии андозбандии ғайримустақим, таъсири манфӣ ва паёмадҳои иқтисодии онро дар сатҳи иҷтимоиёт мушаххасан нишон медод.

2. Таҳқиқот мушаххастар мегардид агар муаллиф меъёри мақбули андозбандии ғайримустақимро вобаста ба вазъи имрӯзаи иқтисодӣ, барои давраҳои минбаъда ҷиҳати баҳрабардорӣ аз он пешниҳод менамуд.

**2. Алиджанов Д.А. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров бо чунин эродҳо:**

1. Хуб мешуд агар унвонҷӯ масъалаҳои андозбандии ғайримустақимро бо назардошти рақамикунонӣ баррасӣ мекард

2. Дар автореферати диссертатсия механизми ситонидани андозҳои ғайримустақим ва самтҳои маъмурикунонии он асоснок мекард кори илмӣ бурд мекард.

**3. Гулов Б.М. – доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо чунин эрод:**

1. Хуб мебуд, ки муаллиф ҷанбаҳои иҷтимоии истифодаи андозҳои ғайримустақим ва хусусиятҳои маъмурии татбиқи онро дар кишвар ба таври амиқтар таҳлил мекард.

**4. Авгонов Н.А. – доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия и.в. дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:**

1. Ба манфиати таҳқиқоти илмӣ мегардид, агар дар автореферати диссертатсия бештар ба ҷанбаҳои институтсионалии андозбандии ғайримустақим диққат дода мешуд.

2. Дар таҳқиқоти илмӣ паҳлуҳои гуногуни андозбандии ғайримустақим бараъло оварда шудааст, аммо таҳқиқот самараноктар мегардид, агар хусусиятҳои танзимнамоии андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ оварда шуда, хулосагирӣ карда мешуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- *консепсияи* илман асоснок пешниҳод шудааст, ки дар сурати афзоиши устувории ҳаҷми ММД ва даромади пулии аҳолӣ, инчунин такмили механизми

идоракунии низоми андоз, ҳиссаи андозҳои ғайримустақим дар даромадҳои андозии буҷети давлатӣ афзуда, нақши онҳо дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ ва таъмини рушди иқтисоди кишвар то рафт пурзӯр мегардад.

***- таърифи муаллифии*** мафҳуми андоз ҳамчун категорияи иқтисодӣ дода шудааст, ки «андозҳо – ин муносибатҳои пулие мебошанд, ки дар раванди (ба таври инфиродӣ ва ғайриэквивалентӣ) гирифтани як қисми ММД ба буҷет ва ё ба фондҳои ғайрибуҷетӣ таввассути пардохтҳои ҳатмии даврии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ барои қонеъ гардонидани талаботи ҷамъият ба вуҷуд меоянд ва аз ҷониби давлат танзим ва қонунӣ карда мешаванд ва вазифаи асосии андозҳо, ин фискалӣ ва танзимкунӣ мебошад»

***- ошкор карда шудааст:*** а) моҳияти иқтисодии танзими андозӣ ҳамчун усули ғайримустақими таъсири давлат ба рафтори субъектҳои хоҷагидор тавассути фишангҳои гуногуни андоз барои ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ дар доираи сиёсати андоз; б) имконияти истифодабарии фишангҳои муҳимтарини он, аз қабили муносибкунии теъдоди намудҳои андоз, объекти андозбандӣ, заминаи андоз, меъёрҳои андоз, имтиёзҳои андоз ва муҷозоти андозӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

***- муқаррароти*** асосии кор бо муҳтавои натиҷаҳои илмии бадастоварда ва ва алоқамандии он бо муҳтавои дастуру роҳнамоиҳое, ки Паёмҳо ва баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд, бо маълумотҳои расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи андоз, таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хулосабандии мутахассисони соҳа, маводҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ доир ба андозбандии ғайримустақим ба таври васеъ истифода шудаанд.

- ***исбот шудааст, ки*** дар давоми зиёда аз ду даҳсола (2000 – 2022) ҳиссаи андозҳои ғайримустақим дар воридотҳои андозии буҷети давлатӣ зиёда аз 60% -ро ташкил медиҳад ва аз ин рӯ, низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун низоми андози ғайримустақим шарҳ додан мумкин аст. вале дар солҳои охир дар низоми андози ҷумҳурӣ тамоюли афзоиши ҳиссаи андозҳои мустақим дар воридотҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ ба назар мерасад.

- ***ошкор гардидааст:*** 1) афзалият ва камбудиҳои андозбандии ғайримустақим дар муқоиса бо андозбандии мустақим; 2) афзоиши нақши андозбандии ғайримустақим дар шароити гузариш ба модели рушди индустриалӣ – инноватсионӣ; 3) имкониятҳои андозҳои ғайримустақим дар танзими равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар сатҳи микро ва макроиқтисоди миллӣ ба амал меоянд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

- ***гояи*** муайяннамоии моҳияти андозҳои ғайримустақим ба муаллиф имкон додааст, ки чунин хусусиятҳоро ҷудо намояд: а) пайдоиши андозҳои ғайримустақим натиҷаи амали қонуни иқтисодии афзоиши бемайлони талабот ва мушкилот буда, рафъи ин мушкилот ба танзимии давлатии соҳаи иқтисод вобаста аст; б) андозҳои ғайримустақим аз рӯйи моҳияти иқтисодии худ андоз аз хароҷоти истеъмолӣ буда, ба ин васила интихоб, талабот ва имкониятҳои истеъмолкунандагонро маҳдуд мекунанд ва ба даромади онҳо вобастагии

ғайримустақим дошта, ба пайдоиши зиддиятҳои иқтисодию институтсионалӣ ва иҷтимоӣ дар байни давлат ва андозсупорандагон оварда мерасонанд; в)андозҳои ғайримустақим тибқи қонунгузорӣ ҳатман ба арзиши молҳо ё тарифҳо барои хизматҳо дохил карда шуда, давлат ба худ даромади устувори буҷетро кафолат медиҳад; г) андозҳои ғайримустақим ба афзоиши хароҷоти иҷтимоӣ ва хароҷоти трансаксионии бозор мусоидат мекунанд.

- ***самтҳои*** минбаъдаи такмили идоракунии чараёнҳои андозӣ дар Тоҷикистон мушаххас карда шудаанд: а) дар баробари таъмини сатҳи кофии даромади буҷетӣ, низоми андоз набояд ба иқтисодиёт фишори аз ҳад зиёд ё нобаробарро ба вуҷуд орад, баръакс, он бояд ба болоравии рақобатпазирӣ ва таҷдиди иқтисодӣ барои манфиати рушди соҳаҳои коркард дар асоси инноватсионӣ мусоидат намояд; б) низоми андоз фишанги фаъолтарини танзими давлатии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, стратегияи сармоягузорӣ, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, тағйироти сохторӣ дар истеҳсолот, рушди босуръати соҳаҳои афзалиятнок мебошад; в) дар шароити маҳдудияти сарчашмаҳои молиявие, ки онҳоро аз андозсупорандагон бидуни зарар ба истеҳсолот, ниятҳои сармоягузорӣ ва зиндагии муқаррарии онҳо ситонида шаванд, системаи менеҷменти давлатии андоз бояд баҳри ёфтани усулҳои нави самарабахши ба даст овардани даромади буҷетӣ равона гардад.

- ***омӯхта шудаанд:*** 1) нақши андозҳои ғайримустақим дар низоми андоз; 2) бартарию камбудиҳои онҳо нисбат ба андозҳои мустақим; 3) мураттабшавии марҳалаҳои асосии таҳаввулоти андозбандии ғайримустақим ва хусусиятҳои хоси он дар давраҳои таърихии муайяншуда.

- ***методикаи*** таҳлилу арзёбии андозбандии ғайримустақим ва татбиқи механизмҳои самарабахши он доир ба иқтисоди миллӣ арзёбӣ гардида, имкониятҳо ва самтҳои афзалиятнокии амалиётҳои рақамии бонкӣ мушаххас ва тақвият бахшида шуданд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Андоз ва андозбандӣ», «Андозбандии ғайримустақим», ва дигар маводи илмӣ-амалӣ дар кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд (**санади татбиқи натиҷаҳо аз 15.02.2024 таҳти №102-а/дс**). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар фаъолияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (**санади татбиқи натиҷаҳо аз 05.03.2024**) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- ***моделҳои*** иқтисодӣ-риёзӣ оид ба дурнамои воридоти андозҳои ғайримустақим ба буҷети кишвар таҳия гардиданд. Натиҷаи татбиқи моделаи таҳияшудаи ҳаҷми даромадҳо аз андозҳои ғайримустақим ба давраи 2022-2030 нишон медиҳад, ки ҳаҷми даромадҳо аз андозҳои ғайримустақим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2030 нисбат ба соли 2022 2,56 маротиб яъне аз 6,0 млрд. сомонӣ то 16,0 млрд. сомонӣ афзуда, ҳиссаи онҳо дар воридотҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ аз 13,0% то 16,6% мерасад.

- ***стратегияи*** - таҳияи пешниҳодҳо доир ба такмили низоми андозбандии ғайримустақим дар шароитҳои имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таъмини пурраи воридоти андозҳои ғайримустақим ба низоми буҷети кишвар.

- ***пешниҳод шудааст:*** 1) аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ (Олмон, Лаҳистон, Италия, Фаронса) истифода бурда дар ҷумҳурии мо меъёри андози аз арзиши илова шударо вобаста ба гурӯҳҳои алоҳидаи молҳои истеъмолӣ тафриқа намудан ба мақсад мувофиқ мебошад; 2) дар назди Кумитаи андози ҷумҳурӣ ташкил намудани Раёсати тафтишоти андоз аз арзиши иловашуда бо шуъбаи тафтишот, шуъбаи иктишофӣ ва як маркази компютерӣ (таҷрибаи Британиёи Кабир); 3) барои корхонаҳои зараровар дар муддати то 5 сол бо шартҳои қатъии муайян имтиёзҳои андозро пешбинӣ бояд кард. Зиёдтар аз ин мухлат зараровари ногузир боиси муфлисшавии корхона мегардад (таҷрибаи Италия); 4) Ҷорӣ намудани имтиёзҳо нисбат ба ААИ дар ҷумҳурӣ барои намудҳои муайяни сармоягузорӣ, аз ҷумла сармоягузориҳо ба фондҳои асосӣ ва ғ.; 5) пӯшондани касри буҷет аз ҳисоби афзоиши даромади андоз аз арзиши иловашуда, зеро ба раванди ҷамъоварӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ маҳз тақвият ёфтани хусусияти прогрессивии андозбандии даромад метавонад таъсири манфӣ расонд.

- **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** натиҷаҳои таҳқиқоти ретроспективӣ имкон доданд ки таҳаввули системаи андозбандии ғайримустақимро тавсиф кунанд ва самаранокии онро дар давраҳои гуногуни таърихӣ арзёбӣ кунанд.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи таҳқиқи механизми таъсири андозбандии ғайримустақим ба ММД ва даромадҳои буҷет дар сатҳҳои макро ва микроиқтисод ҳангоми баланд ва ё пастшавии меъёри андозҳои ғайримустақим дар шароити рақобати комил ва иқтисоди муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст, ки имконияти пешгӯии таъсири андозҳои ғайримустақимро ба ҳаҷми талаботи маҷмуӣ ва суръати рушди иқтисодӣ васеъ менамояд.

- ***усулҳои*** таҳлили маҷмуӣ ва диалектикӣ, усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули баҳодиҳии экспертӣ, пешгӯйӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия истифода шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқарароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва авторефератӣ он аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро мутаносибан 80,52% ва 89,44% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) Муаллифи кори илмӣ бо мақсади иҷрои пурраи нақшаи диссертатсия дар ҳамаи давраҳои таҳқиқот, аз ҷумла дар интихобу асоснокkунии мавзуъ, инъикоси мубрамияти он, шарҳи ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқот бесовита иштирок кардааст; 2) Саҳми унвонҷӯ дар таҳия ва пешниҳоди муқарароти назариявӣ оид ба андозбандии ғайримустақим, таъсири он ба ҳаҷми талаботи маҷмуӣ ва

суръати рушди иқтисодӣ дар шароитҳои рақобати комил ва иқтисоди муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан ба назар мерасад; 3) дар омода намудани 12 мақола, аз он ҷумла 5-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Солиев Нодирҷон Амрохонович дар мавзуи "Нақши андозбандии ғайримустақим дар танзими андозии иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили амалиётҳои рақамии бонкӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 2.4, 2.5, 2.9, 3.14 ва 3.15-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 02.07.2025 қарори сазовор донистани Солиев Нодирҷон Амрохонович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 6 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» –15 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**02 июли соли 2025.**